48 қонун

# КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Суроға: 734012, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2, тел.: (992-37) 233-08-50, факс: (992-37) 233-09-36
www.andoz.tj, info@andoz.tj РМА 010008783

№ 12271/11.1 аз «27» 07 соли 2020

Ба №__________ аз «____»____________соли 20___

Мақомоти
ҳудудии андоз

Оид ба тағйиру иловаҳое, ки тибқи Қонуни
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июли соли 2020, №1708
ба Кодекси андоз ворид шудааст

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани Қонуни мазкур чунин дастур медиҳад.

Тибқи моддаи 1 Қонуни номбурда, ба қисми 2 моддаи 181Кодекси андоз тағйиру иловаи зерин ворид шуда, калимаҳои «ва барои хизматрасонии таълимӣ» ба калимаҳои «, барои хизматрасонии таълимӣ ва хизматрасонии муассисаи хусусии тиббӣ» иваз карда шуд.

Тибқи тағйироти мазкур то 31 декабри соли 2023 амалиёти андозбандишавандаи андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) барои муассисаи хусусии тиббӣ бо меъёри 5 фоиз ба истиснои воридоти андозбандишаванда ва таҳвили минбаъдаи моли воридшуда, инчунин содироти андозбандишаванда, бе баҳисобгирии мабалғи пардохтшудаи ААИ андозбандӣ карда мешаванд.

Дар асоси муқаррароти мазкур тибқи талаботи моддаҳои 164 – 166 Кодекси андоз муассисаи хусусии тиббӣ уҳдадоранд ар рӯи бақияи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), ки бо пардохти андоз аз арзиши иловашуда харидорӣ шуда буданд ва қаблан андоз аз арзиши иловашударо дар асоси ҳисобнома – фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоб гирифта буданд, тасҳеҳ намоянд.

Дар ҳолати анҷом додани воридоти андозбандишавандаи молҳо ва минбаъд таҳвил намудани чунин молҳо, таҳвили минбаъдаи молҳои воридшударо бо меъёри 18 фоиз андозбандӣ карда, ҳуқуқ доранд тибқи моддаи 183 Кодекси андоз андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми воридот пардохт намудаашонро ба ҳисоб гиранд. Ҳангоми ба дигар мол табдил додани молҳои дар натиҷаи воридоти андозбандишаванда ва амалиёти андозбандишаванда харидоришуда, ҳиссаи таҳвили минбаъдаи чунин

моли дигар мутаносибан ба вазни қиёсии молҳои воридшуда дар ҳаҷми умумии харид бо меъёри стандартӣ андозбандӣ гардида, ҳиссаи боқимондаи таҳвили чунин молҳои дигар бо меъёри пасткардашуда андозбандӣ карда мешавад. Андозсупорандагони мазкур ухдадоранд, ки тибқи талаботи моддаи 49 Кодекси андоз баҳисобгирии ҷудогонаи объектҳои андозбандиро (муомилоти андозбандишаванда ва воридоти андозбандишавандаро) аз рӯи ин намуди фаъолият амалӣ намоянд.

Мутобиқи моддаи 2. Қонуни мазкур, тағйироти қабулгардида пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

Қонун дар нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҷумҳурият” санаи 07 июли соли ҷорӣ (№124-125) ба чоп расидааст, тағйироти қабулгардида аз санаи 7 июли соли ҷорӣ мавриди амал қарор дода шудааст.

Бо назардошти муқаррароти қайдгардида, сардорони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки тамоми кормандони андозро бо мактуби дастурии мазкур шинос намуда, бо мақсади дуруст татбиқ намудани талаботи он ба субъектҳои хоҷагидорӣ мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, аз натиҷаи он ба Кумитаи андоз ахборот пешниҳод намоянд.

Раис Н. Давлатзода